Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Садои мардум

№27 (4923)

ҶУМЪА, 28 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj



# ПАЁМИ

## шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон

28-уми феврали 2025, шаҳри Душанбе

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Фардо моҳи муборакi Рамазон, ки ҳар рӯзи он барои мардуми мусулмон мактаби парҳезгорӣ, худшиносиву инсондӯстӣ ва ҳимматбаландиву хайру сахо мебошад, фаро мерасад. Ба ин муносибат ҳамаи шуморо самимона табрик гуфта, ба хонадонатон саломатӣ, файзу баракат ва ризқу рӯзии фаровон мехоҳам.

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ҳоло дар марҳалаи ташаккул ва такомули давлати миллӣ, яъне дар раванди давлатсозӣ ва давлатдории навини худ, қарор дорад. Мусаллам аст, ки дар раванди давлатсозиву давлатдорӣ арзишҳои ахлоқӣ ва эътиқодӣ нақши муҳим мебозанд. Ба ибораи дигар, қонунияти бунёди давлати миллии муосир тақозо мекунад, ки ҳам расму оинҳои аҷдодиву суннату анъанаҳои миллӣ ва ҳам арзишҳои эътиқодӣ дар хизмати осоишу оромӣ ва саодати мардуми Тоҷикистон қарор дода шаванд. Зеро онҳо ҷузъи таркибӣ ва ҷудоинопазири фарҳанги миллии моро ташкил медиҳанд.

Мо бояд ҳамеша шукрона кунем, ки моҳи муборакi Рамазонро дар шароити амну осоиш истиқбол мегирем ва дар фазои озоди эътиқодӣ зиндагӣ мекунем. Чунин шароити мусоид ва фазои созгор ҳар фарди соҳиби ақли солим ва соҳиби имонро водор месозад, ки ба қадри истиқлолу озодии Ватан ва сулҳу суботи комил расад ва шукронаи ин неъматҳоро ба ҷо оварад.

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Дар ҳадисҳои пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад моҳи Рамазон ҳамчун айёми хайру саховат, раҳмату мағфират, омурзиши гуноҳҳо ва иҷобати дуоҳо таъкид шудааст. Гиромӣ донистани ин моҳи шариф барои мусулмонони ҷаҳон аз он сарчашма мегирад, ки китоби муқаддаси Қуръон дар он нозил шудааст.

Ин моҳ арзишу ҳикматҳои зиёди сабақомӯз дорад. Яке аз онҳо парҳезгориву покӣ, ғалаба бар нафс ва худдорӣ кардан аз бадиву зишткорӣ мебошад. Парҳезгорӣ, дар асл, моҳияти олии инсондӯстӣ дорад. Зеро зиндагӣ кардан бо ризқи покиза, мурувват ва аз рӯйи тавону имкон кумак кардан ба ниёзмандон, анҷом додани дигар амалҳои хайру савоб ва даҳҳо арзиши неки ахлоқӣ дар ин моҳи шариф барои рӯзадорон ҳатмӣ шуморида мешавад.

Боз намудани дари саховату ҳиммат на ба хотири дарёфти мартабаву шуҳрат миёни аҳли ҷомеа, балки ба хотири ризои Худованд аз хислатҳои дигари ин моҳи муборак мебошад.

Шахсе, ки дар ин моҳ як амали нек ё як кори хайру савобро анҷом медиҳад, монанди касест, ки ҳафтод амали фарзиро дар ғайри ин моҳ анҷом додааст. Садақа ба ятимону маъюбон, оилаҳои бесаробону камбизоат ва дигар ниёзмандон яке аз амалҳои хайре мебошад, ки савоби бештари анҷом додани он маҳз дар моҳи шарифи Рамазон таъкид шудааст. Дар ин бобат паёмбари ислом фармудаанд: «Беҳтарин ва боарзиштарин садақа он аст, ки дар моҳи Рамазон анҷом гирад».

Ҳикмати садақа аз назари иҷтимоӣ ҳамрозу ҳамнавои ҷомеа дар ғаму саодати он будан аст. Аз ин рӯ, дар ин моҳи муборак ба ятимону маъюбон, муҳтоҷону дармондагон, оилаҳои камбизоат ва шахсони бесаробон дасти ёрӣ дароз кардан, дар ободии кишвар ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии мардум саҳм гузоштан бисёр муҳим мебошад. Масалан, бунёду таъмири муассисаҳои тиббӣ, мактабу кӯдакистонҳо, роҳу пулҳо, об баровардан ба маҳали зисти ҳамдиёрон ё обод кардани манзили зисти оилаҳои камбизоату муҳтоҷ нисбат ба ҳар амали таассубомез арзиши зиёди маънавию иҷтимоӣ ва манфиату савоби бештар дорад.

Фаромӯш набояд кард, ки моҳи Рамазон моҳи имтиҳони на фақат неруи ҷисмонӣ, сабру тамкин ва парҳез аз ғизо, балки озмоиши руҳу равон ва покизагии нияту амали инсон низ мебошад. Мо бояд ҳамеша ва хусусан дар моҳи шарифи Рамазон, ба якдигар дасти ёрӣ дароз кунем ва хислатҳои неки инсониро риоя намоем.

Дигар аз фазилатҳои бузурги ин моҳ аз он иборат аст, ки шахси мусулмон бояд аз хароҷоти бемавқеъ ва исрофкорӣ, ки боиси мушкилӣ дар рӯзгори худи ӯ мегардад, худдорӣ намояд. Зеро доир ба исрофкорӣ дар сураи Аърофи Қуръони маҷид омадааст: «Бихӯреду бинӯшед ва исроф накунед, зеро Худованд исрофкоронро дӯст намедорад».

**Ҳамватанони азиз!**

Моҳи шарифи Рамазон имсол ба оғози фасли баҳор ва мавсими киштукор рост меояд. Баҳор фасли зиндашавии табиат ва оғози заҳмати созанда мебошад. Дини мубини ислом инсонҳоро ҳамеша ба заҳматкашӣ, касбукор ва саъю талош барои ризқу рӯзӣ даъват мекунад. Ҳар кас, ки дар рӯзҳои моҳи муборакi Рамазон бо нияти пок заҳмат мекашад ва киштукор мекунад, на танҳо ризқи худ ва аҳли оилаашро таъмин месозад, балки ба ҷомеа низ манфиати зиёд мерасонад.

Ҳамчунин, моро зарур аст, ки забони покиза ва муомилаи нек бо ҳамсояҳо, раҳму шафқат ба дардмандон, ғамхориву меҳрубонӣ ба калонсолон, ҳусни муошират бо аҳли хонадон ва наздикону пайвандон, мурувват бо дӯстону ҳамкорон, ҷавонмардиву олиҳимматӣ ва қадршиносиро рафтору кирдори ҳамарӯзаи зиндагии худ қарор диҳем.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳон, ки ба инсоният бӯҳронҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маърифатӣ таҳдид менамоянд, мо бояд арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва эътиқодии худро ҳифз намоем. Мо бояд, пеш аз ҳама, моҳияти аслии фарҳанги исломиро дуруст дарк карда, онро аз ҳама гуна андешаҳои нодурусту хурофотӣ пок нигоҳ дорем ва дар роҳи тарбияи инсони комил истифода барем.

Имрӯз, вақте ки ҷаҳон бо таҳдидҳои гуногуни иттилоотӣ ва мафкуравӣ рӯ ба рӯ гардидааст, мо бояд дар доираи таълимоти воқеии исломӣ ва анъанаҳои неки миллӣ - инсондӯстӣ, таҳаммулгароӣ ва ваҳдату ҳамбастагиро тарғиб намуда, ба амалу андешаҳои хурофотӣ ва тафаккури ифротӣ роҳ надиҳем.

Шаҳрвандони кишварро зарур аст, ки дар ин моҳи муборак ба ҳамдигар меҳрубон бошанд, ба эҳтиёҷмандон дасти ёрӣ дароз кунанд, сари ятимонро сила намоянд, бо хешу ақрабо, ҳамсояҳо, ёру дӯстон муносибати хуб дошта бошанд ва аз дилҳои худ кинаву адоватро дур намоянд.

Мусулмони комил бояд ба Ватану миллати худ содиқ, дар ҳифзи марзу буми он омода ва нангу номуси ватандорӣ дошта бошад ва дар ободонии сарзамини аҷдодии хеш саҳмгузор бошад, зеро тибқи фармудаи пайғамбари ислом «муҳаббат ба Ватан аз ҷумлаи имон аст».

Дар оғози ин моҳи муборак ба мардуми шарифи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, саломатӣ, сулҳу оромӣ, имони комил, хушбахтиву некрӯзӣ ва дар кору зиндагии ҳар фарди ҷомеа барору комёбиҳо орзу менамоям.

**Моҳи шарифи Рамазон муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ



**26-уми феврали соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Сарони давлатҳо масъалаҳои кунунии рӯзномаи ҳамкории дуҷонибаро баррасӣ намуда, тадбирҳои минбаъдаро ҷиҳати густариши ҳамкориҳои барои ҳар ду ҷониб судманд муайян намуданд. Ҳамчунин, атрофи масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор анҷом ёфта, аҳамияти идомаи ҳамкориҳои судманд дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таъкид гардид.

**www.prezident.tj**

# ТАЪМИНИ ШАФФОФИЯТ ДАР МАДДИ АВВАЛ

**Яке аз нишонаҳои асосии ҷомеаи демократӣ интихобот ба ҳисоб меравад. Тамоми шаҳрвандони кишвар, ки аз 18-сола болоянд, дар интихобот ширкат варзида, ба тарафдории номзади арзанда раъй медиҳанд. Мардумсолорӣ, ки решаҳои таърихӣ дорад, ҳанӯз аз замони Куруши Кабир ва фарҳанги Юнони бостон маншаъ гирифта, дар замони нав яке аз муҳимтарин ва беҳтарин шакли идоракунии сиёсии ҷомеа гардид.**





Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлолӣ демократикунонии ҳаёти ҷомеа тақвият ёфт ва бо ташаккул ёфтани ниҳоди идоракунии президентӣ солҳои 90-уми қарни гузашта аввалин интихобот доир шуд. Ҳамин тавр, аз тариқи раъйпурсӣ қабул шудани Конститутсия, ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба он, интихобот ва раъйпурсии парлумонӣ дар чорчӯбаи қонунгузорӣ ва қонунҳои байналмилалӣ баргузор гардидаанд.

Мусаллам аст, ки ниҳоди иҷтимоӣ дар ҷомеа зина ба зина ташаккул ёфта, татбиқи он боз ҳам дар зинаҳои болотар ба роҳ монда шуда, меъёрҳо ва шаффофияти он низ такмил меёбад. Дар Тоҷикистон низ тайи солҳои соҳибистиқлолӣ интихобот ва раъйпурсӣ зина ба зина такмил ёфта, он ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ шудааст. Дар ҳар давраи интихоботӣ Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо назардошти пешниҳодҳои созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ ва меъёрҳои қонунгузории кишвар раванди интихоботро муайян месозад.

Тайи солҳои истиқлолият дар ҷумҳурӣ бо назардошти меъёрҳои давлати демократию дунявӣ ҳизбҳои гуногун, ки ҳар кадоме дорои барномаву оинномаи хешанд, вориди майдони сиёсӣ гардида, барои расидан ба ҳадафҳои худ бо роҳи мусолиматомез сабқат мекунанд. Имрӯз дар Тоҷикистон гуногунии ақидатӣ ҷой дошта, ҳизбҳо ҷиҳати расидан ба ҳокимияти сиёсӣ аз роҳҳои машруъ истифода менамоянд.

Айни ҳол кишвар дар пешорӯи интихоботи парлумонӣ қарор дорад ва дар он ҳизбҳои сиёсии кишвар вориди корзори интихоботӣ гардида, намояндагони хешро пешниҳод намудаанд ва ҳамарӯза тибқи реҷаи тасдиқнамудаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо интихобкунандагон вохӯриҳо баргузор мегардад.

Ҳамчунин, байни намояндагони ҳизбҳои гуногун дебат сурат гирифта, барои онҳо шароити якхела ҷиҳати таблиғи барномаҳояшон фароҳам оварда шудааст. Онҳо аз рӯйи меъёри муқаррарнамудаи қонун тавассути расонаҳо, аз ҷумла радиову телевизион, рӯзномаҳо, инчунин, аз тариқи сомонаҳои интернетӣ, таблиғи барномаи пешазинтихоботии хешро ба роҳ мондаанд. Илова бар ин, ҳамарӯза тавассути шабакаҳои телевизионӣ барномаҳо оид ба тартиби баргузории интихобот доир шуда, ин имкон медиҳад сатҳи худшиносӣ ва донишҳои ҳуқуқии мардуми кишвар боло бурда шавад.

Дар маҷмуъ, барои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои алоҳидаи худпешбар имкониятҳои якхелаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, ҳеҷ гуна табъизи ҳуқуқию сиёсӣ ҷой надорад. Нозирони хориҷӣ ҷиҳати мушоҳида намудани шаффофияти интихоботи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, дар ин раванд иштирок мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунҳои байналмилалӣ омода аст нозиронро аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҷиҳати назорати шаффофияти интихобот пазироӣ намояд.

Муҳимтар аз ҳама, руҳияи мардуми кишвар созанда аст ва онҳо дар саросари кишвар ба ин маъракаи муҳим, ки ҳаёти сиёсии 5 соли ояндаро муайян месозад, бетараф нестанд. Онҳо хуб медонанд, ки сарнавишти ояндаи кишвар аз интихоби огоҳонаи онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳама талош меварзанд, то дар вохӯрии номзадҳо ширкат варзида, барномаҳои онҳоро мавриди омӯзиш қарор диҳанд, суолҳо ва мушкилоти хешро дар миён гузоранд. Ин ҳолат нишондиҳандаи он аст, ки мардуми кишвар сатҳи баланди худшиносӣ ва маърифати баланди ҳуқуқиву сиёсӣ доранд ва барои сарнавишти ояндаи кишвар бетараф нестанд.

**Акбар САЛИМОВ, ходими калони илмии АМИТ**

**Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# 21 АПРЕЛ - РӮЗИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ



**Бисту шашуми феврали соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 50 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода, директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Файзуллозода, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маликзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 9 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Шартнома дар бораи таъсиси Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз 9 июни соли 2009**

**2. Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта аз 10 июни соли 2019**

**3. Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Душанбе Сити» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Низоми автоматикунонидашудаи назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар шаҳри Душанбе» аз 12 декабри соли 2019**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Бисту шашуми феврали соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# 21 АПРЕЛ - РӮЗИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ



(Идома аз саҳ. 1)

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»**

**9. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Шартнома дар бораи таъсиси Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз 9 июни соли 2009» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи «Стратегияи Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд барои солҳои 2022-2026» фонди мазкур ба як созмони молиявии байналмилалии мустақил табдил дода шуда, дар ин раванд аз ҷониби фонд протоколи дахлдор дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Шартнома дар бораи таъсиси Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз 9 июни соли 2009 таҳия ва ба кишварҳои аъзо пешниҳод шудааст. Лоиҳаи протоколи мазкур бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2024, №655 маъқул дониста шуда, аз ҷониби Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 2024 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзо расонида шудааст.

Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд дар асоси Шартнома дар бораи таъсиси Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз 9 июни соли 2009 аз ҷониби ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Сармояи фонд аз ҳисоби саҳми давлатҳои муассис ташаккул ёфта, саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он 1,0 млн. доллари амрикоиро ташкил менамояд.

Самти асосии фаъолияти фонд пешгирӣ намудани таъсири манфии бӯҳронҳо, таъмини устуворӣ ва мусоидат ба ҳамгироии иқтисоди давлатҳои аъзо буда, ба аъзои фонд қарзи молиявӣ барои дастгирии буҷети давлатӣ, қарзҳои сармоягузорӣ ва грантҳо барои маблағгузории барномаҳои давлатӣ пешниҳод карда мешавад. То инҷониб дар доираи маблағгузории фонд дар ҷумҳурӣ 3 лоиҳа ба маблағи умумии 45,0 млн. доллари амрикоӣ татбиқ гардида истодааст ва ҳамзамон, 4 лоиҳа ба маблағи 36,6 млн. доллари амрикоӣ дар марҳилаи оғозёбӣ қарор дорад. Инчунин, дар доираи ҳамкорӣ бо фонд се маротиба қарзи молиявии имтиёзнок дар ҳаҷми 140,0 млн. доллари амрикоӣ барои дастгирии буҷети давлатӣ ҷалб карда шуд.

Иваз намудани шакли идоракунии фонд ба созмони молиявии байналмилалии мустақил имкон медиҳад, ки сандуқи сармоя ва самтҳои дастгирии молиявии он боз ҳам васеъ гардида, барои ҷалби бештари сармоя ба давлатҳои аъзо мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарор «Дар хусуси тасдиқи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Шартнома дар бораи таъсиси Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз 9 июни соли 2009»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Шартнома дар бораи таъсиси Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз 9 июни соли 2009 дар шаҳри Остона 26 июни соли 2024 ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Ҳадафи асосии Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд мусоидат ба устувории иқтисодӣ ва молиявии давлатҳои аъзои фонд мебошад. Дар фазои Авруосиё Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз рӯйи ҳадафҳо, унсурҳо ва ҳаҷми амалиёт ба Хазинаи байналмилалии асъор баробар мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон протоколи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд. Протоколи пешниҳодгардида дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки протоколи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Шартнома дар бораи таъсиси Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд аз 9 июни соли 2009» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта аз 10 июни соли 2019» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Раҳимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Султон РАҲИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта 10 июни соли 2019 ба имзо расонида шудааст. Ҳаҷми маблағгузории лоиҳа 100,0 млн. долларро ташкил дода, иқтидори истеҳсолии семент ба 1,2 млн. тонна ва халтаҳои саноатӣ 80 млн. адад баробар мебошад. Баъд аз пурра ба истифода супоридани корхона 700 нафар шаҳрвандони маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва музди меҳнати баланд таъмин карда мешаванд. Дар ин росто, ҶСК «Тоҷиксемент» сохтмони корхонаи сементбарориро пурра ба анҷом расонида, он 7-уми ноябри соли 2023 ифтитоҳ ёфтааст. Дар баробари ин, омилҳои маҳдудияти басташавии роҳҳо ва сарҳадҳои байнидавлатӣ, мушкилоти воридоти таҷҳизот ва маҳсулоти сохтмонӣ аз хориҷи кишвар, ғайриимкон гардидани ҷалби мутахассисон ва коршиносони Ҷумҳурии Федеративии Германия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин барои насби саривақтии хатҳои технологӣ ва ба истифода додани қисмати истеҳсоли масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта таъсири манфӣ расонд. Бо назардошти мушкилоти бамиёномада, сармоягузор хоҳиш намудааст, ки муҳлати амали созишномаи сармоягузорӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» ба панҷ соли минбаъда ва афзоиши сармоягузорӣ то ба 180 млн. доллари ИМА дароз карда шавад. Дар ин замина, сармоягузор ӯҳдадорӣ гирифтааст, ки ғайр аз сохтмон ва ба истифода додани корхонаи сементбарорӣ, инчунин, корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халтаро низ сохта ба истифода диҳад. Бо назардошти гуфтаҳои боло ва ҷалби сармоя ба рушди саноати сохтмон ва таъмини саноатикунонии босуръати мамлакат аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта аз 10 июни соли 2019» тасдиқ карда шавад.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Музаффарҷон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффарҷон МАҲМУДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта аз 10 июни соли 2019 дар шаҳри Душанбе 3-юми январи соли 2025 ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон созишномаи иловагии мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд. Вобаста ба мазмуну муҳтаво, муҳлати амалишавӣ, ҳаҷми маблағ, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, сармоягузории лоиҳа ва пешбинӣ гардидани имтиёзҳои иҷтимоӣ ва андозӣ аз рӯи созишномаи сармоягузории мазкур раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода маълумоти муфассал доданд.

Ҳаминро қайд карданиам, ки амалишавии созишномаи сармоягузории мазкур ба рушди соҳаи саноат, ҷалби сармоягузорӣ, инчунин, ба таъсиси зиёда аз 700 ҷойи нави кори доимӣ ба шаҳрвандони маҳаллӣ бо музди меҳнати баланд мусоидат намуда, ба ҳадафи миллии чоруми эълоннамудаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти саноатикунонии босуръати кишвар мувофиқ мебошад.

Созишномаи иловагӣ тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», «Дар бораи сармоягузорӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани созишномаи иловагии мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмонию бетонӣ ва халта аз 10 июни соли 2019» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Душанбе Сити» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Низоми автоматикунонидашудаи назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар шаҳри Душанбе» аз 12 декабри соли 2019» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Раҳимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Султон РАҲИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидаанд, тақозо менамояд, ки низоми энергетикии кишвар рушд дода шуда, технологияҳои муосир дар раванди баҳисобгирӣ ва назорати истифодаи неруи барқ ҷорӣ карда шаванд. Бо ин мақсад, 12 декабри соли 2019 Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Душанбе Сити» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Низоми автоматикунонидашудаи назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар шаҳри Душанбе» ба маблағи 51,0 млн. доллари ИМА ба имзо расонида шуд. Бо татбиқи марҳилаи аввали лоиҳа дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе беш аз 140 ҳазор ҳисобкунаки барқӣ насб карда шуд, ки дар натиҷа сатҳи талафот аз 19 фоизи то давраи оғози татбиқи лоиҳа ба 7 фоиз коҳиш дода шуда, ҳаќи ҷамъоварии маблағ аз 80 ба 99 фоиз расонида шудааст.

Бо назардошти натиҷаҳои мусбати марҳилаи аввали лоиҳа дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии марҳилаи дуюми лоиҳа созишномаи иловагӣ 4-уми феврали соли 2025 ба имзо расонида шуд. Мақсад аз имзои созишномаи иловагӣ идомаи ислоҳот ва рушди низоми энергетикии кишвар тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар раванди баҳисобгирӣ ва назорати истифодаи неруи барқ ба ҳисоб меравад. Консорсиуми сармоягузорон тасмим гирифтаанд, ки бо ҷалби сармоягузорӣ дар ҳаҷми 110,0 млн. доллари амрикоӣ марҳилаи дуюми лоиҳаи «Низоми автоматикунонидашудаи назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар шаҳри Душанбе»-ро дар 16 шаҳру ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби беш 600 нафар корманди маҳаллӣ амалӣ намоянд. Бо назардошти ин ва ҷалби сармоя ба рушди низоми энергетикии мамлакат аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Душанбе Сити» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Низоми автоматикунонидашудаи назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар шаҳри Душанбе» аз 12 декабри соли 2019, ки дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Неъматулло Холбойзода дода мешавад. Марҳамат.

**Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Душанбе Сити» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Низоми автоматикунонидашудаи назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар шаҳри Душанбе» аз 12 декабри соли 2019 дар шаҳри Душанбе 4 феврали соли 2025 ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон созишномаи иловагии мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд. Маврид ба зикр аст, ки амалишавии созишномаи сармоягузории мазкур бо мақсади татбиқи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ мусоидат менамояд. Созишнома расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани созишномаи иловагии мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи иловагӣ ба Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Душанбе Сити» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Низоми автоматикунонидашудаи назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар шаҳри Душанбе» аз 12 декабри соли 2019» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Раҳимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Султон РАҲИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, таъмини ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ба талаботи байналмилалии муосир мутобиқ намудани қонунгузории самти сармоягузорӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» дар заминаи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» ва «Созишномаҳои сармоягузорӣ» таҳия гардида, аз 8 боб ва 37 модда иборат мебошад. Лоиҳаи қонун асосҳои ҳуқуқию иқтисодии муносибатҳоро вобаста ба шакл, намуд ва тарзҳои сармоягузорӣ, танзими давлатии сармоягузорӣ, созишномаҳои сармоягузорӣ, кафолати ҳуқуқҳои ҳимояи сармоягузорон, дастгирии давлатии сармоягузорӣ ва вазъи ҳуқуқии сармоягузоронро дар бар гирифта, ба таъмини устуворӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур бо назардошти таҷрибаи асосӣ мафҳумҳои асосӣ такмил ва мафҳумҳои нав ворид карда шуда, имкон медиҳанд, ки раванди баҳисобгирии воридоти сармоя дақиқ ба эътибор гирифта шавад. Ҳамчунин, принсипҳои асосӣ, ки қаблан мавҷуд набуданд, ворид гардиданд ва муқаррарот оид ба сиёсати давлатии сармоягузорӣ, раванди истифодаи созишномаҳои сармоягузорӣ, кафолати истифодаи реҷаи устувори сармоягузорӣ, хизматрасонӣ барои сармоягузорон, таъсиси фондҳои сармоягузорӣ, вазъи ҳуқуқии сармоягузор бо назардошти ӯҳдадории сармоягузор, раванди мубодилаи маълумоти байнимақомотӣ ва татбиқи қонуни мазкур нисбат ба сармоягузории қаблӣ пешбинӣ карда шуд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади содагардонии расмиёти ба фаъолияти сармоягузорӣ алоқаманд ва ҷалби сармоя ба соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тибқи маълумоти оморӣ дар давоми солҳои 2020-2024 ба ҷумҳурӣ маҷмуан 11,6 миллиард доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ ворид карда шудааст, ки аз ин 1,9 миллиард доллар ба сармояи мустақими хориҷӣ рост меояд. Ҳиссаи сармояи мустақими хориҷӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра 3,5 фоизро ташкил дода, фаъолнокии воридоти сармоя, махсусан, ба соҳаи саноати истихроҷ, саноати коркард, соҳаи савдо ва миёнаравии молиявӣ мушоҳида карда мешавад ва ҳиссаи ин соҳаҳо ба ҳисоби миёна мутаносибан 53,0 фоиз, 19,3 фоиз, 7,0 фоиз ва 6,7 фоизро дар маҷмуи сармояи мустақими хориҷӣ ташкил медиҳанд. Бо қабул гардидани қонуни мазкур имкон фароҳам мешавад, ки ҳаҷми воридоти сармоя ба иқтисодиёти кишвар боз ҳам беҳтар гардад.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни зикргардидаро бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 335 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад? Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» яклухт ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маликзода дода мешавад. Марҳамат.

**Нарзулло МАЛИКЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мутобиқгардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба қонунгузории соҳаи фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ, ҷиҳати иҷрои банди 19 ҷадвали Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) ва мутобиқ намудан ба талаботи нави стандарти байналмилалӣ ПОД/ФТ (тавсияҳои 24 ФАТФ), рақамикунонии бақайдгирии давлатӣ таҳия гардида, хусусиятҳои таҳририӣ ва мушаххассозиро дорад.

Аз ҷумла, дар қисми 1 моддаи 1 лоиҳаи қонун бо мақсади мутобиқгардонӣ ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва «Дар бораи сармоягузорӣ» хусусияти бақайдгирии давлатӣ вобаста ба шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолиятро оид ба анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ, аз ҷумла бонкии исломӣ, амалиёт бо асъори хориҷӣ, фаъолияти оператори низоми пардохт ва суғуртавиро анҷом медиҳанд, бо назардошти қонунгузории соҳавӣ амалӣ карда мешавад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 28-уми марти соли 2025 озмуни №3-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 6 | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди ҷамъият | техникӣ | 6037 | 1 сол |
| 2 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 | масоҳати 15 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | техникӣ | 9108 | 1 сол |
| 3 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 2 | масоҳати 8 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | техникӣ | 4836 | 1 сол |
| 4 | Муассисаи давлатии «Муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзӣ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Нарзибеков Маҳмудбек 32 | масоҳати 5,3 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | техникӣ | 3250 | 1 сол |
| 5 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 54 | масоҳати 36,64 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 22020 | 1 сол |
| 6 | МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 139 | масоҳати 5 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | техникӣ | 3050 | 1 сол |
| 7 | Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи С. Каримов | вилояти Хатлон, ноҳияи Ховалинг | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | техникӣ | 12012 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи С. Каримов | вилояти Хатлон, ноҳияи Ховалинг | масоҳати 16 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | техникӣ | 9612 | 1 сол |
| 9 | ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | шаҳри Турсунзода | масоҳати 16 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 9600 | 1 сол |
| 10 | Муассисаи давлатии «Театри давлатии ҷумҳуриявии «Лӯхтак» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 54/1 | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | техникӣ | 6030 | 1 сол |
| 11 | Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология | шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 267 | масоҳати 12 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди институт | техникӣ | 7230 | 1 сол |
| 12 | ҶСК «Телерадиоком» | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ | масоҳати 41 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | техникӣ | 24665 | 1 сол |
| 13 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии нақлиёти роҳи оҳан»-и шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 16 | масоҳати 28 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди литсей | техникӣ | 16800 | 1 сол |
| 14 | ҶСК «Матбуот» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 37 | масоҳати 12 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 7200 | 1 сол |
| 15 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ 16 | масоҳати 11,3 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 11-уми бино | маъмурӣ | 4068 | 1 сол |
| 16 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ 16 | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 3600 | 1 сол |
| 17 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ 16 | масоҳати 45,8 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 16488 | 1 сол |
| 18 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ 16 | масоҳати 11,3 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 11-уми бино | маъмурӣ | 4068 | 1 сол |
| 19 | Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов | шаҳри Душанбе, шаҳраки Лучоб | масоҳати 32,82 $м^2$ аз ҳисоби бинои донишкада | савдо | 13785 | 1 сол |
| 20 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи тиббии профилактикии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко 61 | масоҳати 103,7 $м^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | хӯроки умумӣ | 31110 | 1 сол |
| 21 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 36,5 $м^2$ аз ҳисоби таҳхонаи бинои №2-и муассиса | хизматрасонӣ | 13140 | 3 сол |
| 22 | ҶСК «Комплекси сайёҳии Варзоб» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Варзоб ГЭС-и боло 35 | масоҳати 180 $м^2$ аз ҳисоби анбори ҷамъият | савдо | 21600 | 3 сол |
| 23 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Саной 33 | масоҳати 54 $м^2$ аз ҳисоби бинои асосии марказ | савдо | 19440 | 3 сол |
| 24 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Саной 33 | масоҳати 32 $м^2$ аз ҳисоби бинои марказ | савдо | 11520 | 5 сол |
| 25 | Раёсати Кӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 63 | масоҳати 131,2 $м^2$ аз ҳисоби қисми ҳарбии 5453 | хӯроки умумӣ | 12000 | 3 сол |
| 26 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати Тоҷикобдеҳот» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Гардишгоҳи ҷанубӣ 52 | масоҳати 852 $м^2$ аз ҳисоби анбори кушода | савдо ва хизматрасонӣ | 20488 | 3 сол |
| 27 | ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | шаҳри Турсунзода | масоҳати 257 $м^2$ аз ҳисоби бинои клуби ҚТМ-3 | анбор | 6168 | 3 сол |
| 28 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | шаҳри Кӯлоб, ҷамоати деҳоти Зиракӣ, деҳаи Бахтобод | масоҳати 18 $м^2$ аз ҳисоби толори мусофиркашонӣ | савдо | 4320 | 2 сол |
| 29 | МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино 29-31 | масоҳати 7,2 $м^2$ аз ҳисоби бинои таълимии шаҳраки Шифобахш | савдо | 6912 | 1 сол |
| 30 | Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон | ноҳияи Данғара, кӯчаи Бинокорон | масоҳати 273 $м^2$ аз ҳисоби бинои таълимӣ | хӯроки умумӣ | 16380 | 1 сол |
| 31 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 6 | масоҳати 30 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | савдо | 18000 | 1 сол |
| 32 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 6 | масоҳати 35 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | хизматрасонии бонкӣ | 21000 | 1 сол |
| 33 | Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷаббор Расулов | ноҳияи Ҷаббор Расулов, шаҳраки Меҳробод, кӯчаи Ленин 6 | масоҳати 1 $м^2$ аз ҳисоби саҳни бинои маъмурӣ | хизматрасонӣ | 1200 | 1 сол |
| 34 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 2 | масоҳати 30 $м^2$ аз ҳисоби бинои филиали муассиса | маъмурӣ | 18000 | 1 сол |
| 35 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев 5 | масоҳати 30 $м^2$ аз ҳисоби таваққуфгоҳи беморхона | хизматрасонӣ | 9000 | 3 сол |
| 36 | Хоҷагии ёрирасони «Палос»-и Агентии таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Бӯстон, ҷамоати шаҳраки Палос, кӯчаи Ваҳдат 1 | масоҳати 1905 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | истеҳсолӣ | 45720 | 1 сол |
| 37 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев 5 | масоҳати 375 $м^2$ аз ҳисоби бинои беморхона | истеҳсолӣ | 18000 | 1 сол |
| 38 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев 5 | масоҳати 73 $м^2$ аз ҳисоби бинои беморхона | истеҳсолӣ | 4380 | 1 сол |
| 39 | МДТ «Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд» | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Репин 60 | масоҳати 1 $м^2$ аз ҳисоби бинои асосӣ | хизматрасонӣ | 1200 | 1 сол |
| 40 | Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 48 | масоҳати 186 $м^2$ аз ҳисоби таҳхонаи бинои маъмурӣ | хӯроки умумӣ | 55800 | 1 сол |
| 41 | Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 49 | масоҳати 12 $м^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 7200 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел 221-73-74, 221-33-66, шаҳри Бохтар, кӯчаи А. Сино 4, тел:+992 3222 2-77-25 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун **соати $10^{00}$** баргузор мегардад. Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 20-уми марти соли 2025 музоядаи №12-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тамокуҳои тамғаи «Милано» ва «Монд» | қуттича | 419580 | 1 888 110 |
| 2 | Тамокуҳои тамғаи «Милано» ва «Монд» | қуттича | 199 000 | 895 500 |
| 3 | Тамокуҳои тамғаи «Милано» ва «Монд» | қуттича | 199 000 | 895 500 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221- 73- 74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221- 49-87, 221- 73- 74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Билети гумшудаи ҳарбӣ бо силсилаи НС №6293140, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино (собиқ Фрунзе)-и шаҳри Душанбе 12 майи соли 1994 ба Сангинов Хуршед Мухамадражабович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии силсилаи №0519922 таҳти №5215, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Фархор 11 майи соли 2023 бо суроғаи ноҳияи Фархор, деҳоти Хутан, деҳаи Марғзор, ба Икромов Ҷамшед Шовалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи С. Шарипов (собиқ Шаумян), хонаи 116/1, ба Ҷабборов Олимҷон Гаппорович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ (РЯМ 0130209640, РМА 015245699), ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 12 июли соли 2023, ба Шафиева Зарина Абдуманоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи №02/13А-19 дар бораи иштироки шарикӣ дар сохтмони бинои маъмурӣ-истиқоматии баландошёна аз 3 июли соли 2019, ки байни ҶДММ «Шаҳри зебои мо» ва Шулашов Парвиз Фазлиддинович, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаҳои С. Айнӣ 65,67 ва М. Собиров 24, ошёнаи 13-ум, блоки А, бо масоҳати умумии 47,7 метри мураббаъ баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2023, ба Диловарзода Абдураҳмон Зикрулло додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2022, ба Файзуллоев Собирҷон Баҳодурович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба моликият бо силсилаи ДШ №0198261 таҳти феҳрасти №10С.31, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 30 марти соли 2012 ба Маҳмудов Фаррух Нуридинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома, иқтибос ва гувоҳномаи РМА-и гумшуда, ки онҳоро Нозироти андоз дар шаҳри Шоҳмансури шаҳри Душанбе 4 майи соли 2010 ба ҶДММ «Умед А» (РМА 010006838, РЯМ 0110005867) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳоҷатхонаи дохили бозор, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, ба Мамарасулов Ҳайдарқул Ғиёсович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ (РЯМ 1210004639, РМА 120018270), ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 14 марти соли 2011, ба Муассисаи давлатии «Боғи миллӣ»-и Маҷмуи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Ташрифи Халил» (РЯМ 0210029820, РМА 020055354), ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 12 январи соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Авиатсияи нав» (РМА 020054879), ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Кормандони рӯзномаи «Садои мардум» ба муовини якуми сармуҳаррири рӯзнома Мирзоев Холиқ бинобар даргузашти

**БАРОДАРАШ**

ҳамдардӣ баён намуда, ба пайвандону наздикони марҳум дар таҳаммули дарди фироқи бародар сабри ҷамил хоҳонанд.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводи низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 28 феврали соли 2025, соати 15:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34345 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97